**Суратмаҷлиси №4**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 02 июни соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 14 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Усмониён Нозила Усмон ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Кӯчарзода Аламхон** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

- **Низомӣ Мухриддин Зайниддин** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

- **Икромов Искандар** – доктори илми филология, профессор, аъзои комиссияи экспертӣ;

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори
илми филология, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.